**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. ______________
«15» 12 ______________с. 2020

**Хулосаи**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ» дар кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович аз соли 2018-2020 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, аз соли 2020 ба сифати унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мавсуф соли 2018 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намуд.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ташаккулёбии низоми бонкии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳӣ нақши ниҳоят муҳимро дар фазои иқтисодии кишвар мебозанд. Таъмини устувории низоми бонкӣ барои ҷомеа манфиатовар буда, яке аз функсияҳои муҳимми давлат ба шумор меравад, ки баамалбарории он бо ҳалли вазифаи устувории тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ иртибот дорад. Мавзӯи рисола дар шароити муосир на танҳо аз нигоҳи ҳуқуқи бонкӣ, ҳамчунин дар илми ҳуқуқии Тоҷикистон мубрам мебошад. Пеш аз ҳама, маҳз имрӯзҳо норасоиҳо ва мушкилиҳо дар ташкил ва амалигардии низоми бонкии Тоҷикистон таъсири манфӣ ба иқтисодиёти кишварамон, ҳар як сокини Тоҷикистон, ҳамчунин ба иқтисодиёти дигар давлатҳо ва шаҳрвандони онҳо мерасонад.

Низоми бонкӣ заминаи калидии иқтисодиёти бозоргонӣ буда, ба таври баробар ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ дахолат мекунанд ва ба вазъияти ҷомеа дар умум ва некуаҳволии ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ таъсир мерасонад. Бонкҳо чун институтҳои унверсалии қарзӣ–молиявӣ, ки ба тақсимоти самаранокии анбӯҳи молиявӣ мусоидат менамоянд ва трансфарматсияи пасандозҳоро дар маблағгузорӣ амалӣ мегардонанд, дар иқтисодиёти дилхоҳ кишвар мавқеи хосса доранд. Дар соҳаи фаъолияти бонкӣ манфиатҳои табақаҳои гуногуни ҷомеа дар ҳамбастагӣ қарор мёбанд ва мақсади танзими ҳуқуқӣ дар ин ҳолат таъмин намудани баробарии манфиатҳои ҷамъиятиву шахсӣ ва роҳ надодан ба бархӯрди бевоситаву муқовимати ғайриконструктивии онҳо мебошад. Барои таносуби дурусти манфиатҳои шахсиву оммавӣ танзими қонунии соҳаи бонкиро ба роҳ мондан лозим аст, ки дорои заминаи таърихӣ аст.

Дар шароти рушди иқтисоди бозаргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши амалиётҳои бонкӣ ҳамчун яке аз воситаҳои банизомдарории танзими бозаргонии фазои хоҷагидорӣ меафзояд. Амалиётҳои бонкӣ яке аз шартҳои рушди иқтисодӣ, унсури марказии зербинои (инфрасохтори) таҷдид ва вусъати истеҳсолот ба шумор меравад. Ҳолат ва вазъи низоми бонкӣ бевосита бо мустаҳкамии асъори миллӣ, баамалбарории тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, амалисозии барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Гузаронидани таҳқиқот имкон медиҳад, ки норасоиҳо ва паҳлуҳои мусбиро дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон нишон дод. Вақтҳои охир дар алоқа бо баландравии нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими равандҳои иқтисодии дар ҷомеа ба миёномада таҳқиқотҳои ками илмӣ гузаронида шудааст ва баъзе баҳсҳо атрофи масъалаҳои баҳсноки самтҳои гуногуни фаъолияти он, аз он ҷумла таъмини ҳуқуқии он рафта истодаанд. Аммо, новобаста аз он, ки нисбати ташкил ва фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар умум таваҷҷуҳ шудааст, таҳқиқоти махсуси масоилҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ин масъала мавҷуд нест. Таҳқиқи масъалаи мазкур хеле зарур аст, чунки реҷаи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дорои махсусияти ба худ хос мебошад.

Мақсади асосии корро таҳқиқи маҷмӯии танзими ҳуқуқии ташаккул ва фаъолияти низоми бонкии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Ҳамчунин, омӯзиши вазъи ҳуқуқии бонкҳои марказӣ ва муассисаҳои қарзии мамлакатҳои хориҷии аз лиҳози низоми иқтисодӣ тараққикарда аҳамияти муҳимми назариявӣ барои илми ҳуқуқи бонкӣ, инчунин аҳамияти амалӣ барои такмили низом ва баландбардории самаранокии фаъолияти мақомоти амаликунандаи назорати бонкӣ дар Тоҷикистонро дорад. Ҳамин тариқ, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ мубрам ба шумор меравад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад, дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- додани тавсифи пурмазмун ва аслии мафҳуми «муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ», ошкор намудан ва таҳлили фарқияти байни мафҳумҳои «субъекти ҳуқуқи бонкӣ» ва «субъекти муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ»;
- муайян намудани мафҳум ва доираи субъектони ҳуқуқи бонкӣ тавассути таҳлили қонунгузории амалкунанда, ҳамчунин ақидаҳои мавҷудаи олимони соҳаи ҳуқуқ;
- муайян намудани мафҳуми субъекти ҳуқуқи бонкӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ чун қисми таркибии муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ;
- аниқ кардани мафҳуми низоми бонкӣ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва мавқеи онҳо дар низоми бонкии Тоҷикистон;
- муайян намудани мазмуни принсипҳои фаъолияти онҳо;
- таҳлили асоси меъёрию ҳуқуқии баамалбарории функсияҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон;
- таҳлили мазмуни функсияи баамалбарори танзими бонкии Бонки миллии Тоҷикистон;
- коркарди тавсияҳо оид ба такмили танзими ҳуқуқии ташкил ва амалигардонии унсурҳои сохтории низоми бонкӣ.

Асоси методологии рисолаи номзадиро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил доданд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ истифода шудаанд. Аз қабили, диалектикӣ, низомнокӣ, таркибӣ ва функсионалӣ. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ- ҳуқуқӣ истифода бурда шудаанд.

Хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳо дар доираи тадқиқоти мазкур фарогири масъалаҳои мубрами низоми муосири бонкӣ мебошаанд, ки дар корҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷии назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқ соҳибкорӣ ва граждани дарҷ гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро бошад, мавриди таҳқиқ қарор додани худи масоил ташкил медиҳад, ки дар кори мазкур аввалин маротиба дар шакли комплексӣ дар сатҳи монографӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ масъалаи ташаккул ва амалигардонии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва унсурҳои сохтории он таҳлил гардидааст.

Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқ, психологияи ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои якчанд ҷанба мебошад: илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳукуқтатбиққунӣ ва омӯзишӣ. Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои онро метавон минбаъд дар раванди ҳалли масоилҳои таъмини ҳуқуқии ташаккул ва амалигардонии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар умум Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ дар алоҳидагӣ истифода намуд.

Тавсияҳои дар рисола инъикосгардидаро мумкин аст, ки дар такмили санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунии амалкунандаи соҳаи зикргардида истифода намуд. Ҳамчунин, маводҳои таҳқиқоти мазкурро метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои ҳуқуқи молиявӣ ва ҳуқуқи бонкӣ истифода кард.

Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо зикр карда мешаванд. Хулосаҳои диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта мебошад.

Ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои муаллиф бо истифода аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, таҷрибаи муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

Муаллиф доир ба мавзӯи таҳқиқшуда 8 мақолаи илмӣ , аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Ҳамаи мақолаҳо ба ҷанбаҳои муҳими масоили баррасишаванда бахшида шудаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М]. Мазарифов, М.К. Баъзе аз масоили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарфиов // Паёми ДМТ. – 2019. – № 2. – 271-276.

[2–М]. Мазарифов, М.К. Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ / М.К. Мазарфиов // Паёми ДМТ. – 2019. – № 6. – С. 243-246.

[3–М]. Мазарифов, М.К. Танзими ҳуқуқии низоми бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарфиов // Паёми ДМТ. – 2020. – № 2. – С. 246-251.

[4–М]. Мазарифов, М.К. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми бонки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарфиов // Паёми ДМТ. – 2020. – № 3. – С. 250-254.

[5–М].Мазарифов, М.К.Таърихи инкишофи қонунгузории бонкии тоҷикон дар аҳди қадим ва асрҳои миёна/ М.К. Мазарифов // Паёми ДМТ. – 2020. – № 9– С. 355-359

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:

[1–М]. Мазарифов, М.К. Оид ба қонунгузории фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарфиов // Конференсияи илмӣ-назарияии байналмилалӣ бахшида 25-солигии Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 2019). – С. 23-26.

[2–М]. Мазарифов, М.К. " Махсусияти вазъи ҳуқуқии бонки милли Тоҷикистон" / М.К. Мазарифов // Конференсияи байналмилалии илмию-амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. ДМТ, Душанбе 2019, саҳ 251-254

[3–М]. Мазарифов, М.К. "Тартиби ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" / М.К. Мазарифов // Международная студентческая научно-практическая конференсия Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон Душанбе-2020 с.41-45

Мақолаҳои илмии муаллиф пешниҳодот ва хулосаҳои асосии рисоларо инъикос карда, аҳамияти назариявӣ ва амалиро барои таҳқиқоти минбаъда дар ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мазкур дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба миён мегузорад. Пешниҳодот ва хулосаҳои рисола ҳамчунин дар конференсияҳои байналмилалии илмию амалӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ апробатсия шудаанд.

Диссертасия мутобиқ ба ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аст.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Қарор карда шуд:

1.Диссертатсияи Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ» бо ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) кори илмию таҳқиқотии маҷмӯӣ буда, дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардида, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2.Диссертатсияи Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

таърихӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода аст. Бинобар он, ки Шӯрои дифои диссертатсионӣ бо ихтисоси 12.00.01 дар назди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият, менамояд, рисолаи Мазарифов М.К. ба кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ барои муҳокима ва пешниҳод намудан ба дифоъ ирсол карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 10 нафар аъзо ҳузур доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ҷонибдор»–10 нафар, «муқобил»–нест; «бетараф»–нест, суратҷаласаи №13 аз 27 ноябри соли 2020

**Раиси ҷаласа**
Мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон
н.и.ҳ., дотсент Мирзоев П.И.

**Котиби ҷаласа**
асисстенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

Имзои Мирзоев П.И. ва Олимзода Д.А. тасдиқ мекунад:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Суфиев Ф.Р.

**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

профессор Хушвахтзода Қ. Х.

«04» 02 соли 2021

# ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи: «Ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ)» дар кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро расидааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович ба ҳайси унвоҷуйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Дар соли 2018 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтихоноти номзадӣ аз санаи 13 феврали соли 2021 таҳти №24 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

Мубрамияти мавзӯи диссертатсия бо он муайян мегардад, ки фаъолияти муътадил ва фаъоли низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиву иҷтимоии ҳар як давлат, махсусан, ба рушди соҳаҳои афзалиятнок ва ба дастгирӣ эҳтиёҷманд мусоидат менамояд. Таъмини устувории низоми

бонкӣ барои ҷомеа манфиатовар буда, яке аз функсияҳои муҳими давлат ба шумор меравад, ки баамалбарории он бо ҳалли вазифаи устувории тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ иртибот дорад. Бонкҳо чун институтҳои универсалии қарзӣ-молиявӣ, ки ба тақсимоти самаранокии анбӯҳи молиявӣ мусоидат менамоянд ва трансфарматсияи пасандозҳоро дар маблағгузорӣ амалӣ мегардонанд, дар иқтисодиёти дилхоҳ кишвар мавқеи хосса доранд. Дар низоми бонкии Тоҷикистон мушкилотҳои гуногун мавҷуд аст, ки дар рушднаёбандагии шабакаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар мамлакат, нобаробарии тақсимоти онҳо дар минтақаҳо, мавҷуд набудани бисёр хизматрасониҳои зарурии бонкӣ барои муштариён зоҳир мегардад. Бо назардошти он ки низоми бонкии муосири Тоҷикистон ҷавон аст, тақозои таҷдид ва тағйироти доимии қонунгузории бонкиро талаб мекунад. Мушкилоти имрӯза дар низоми бонкии Тоҷикистон асосан бо рушднаёбандагии танзими фаъолияти унсурҳои сохтории он дар сатҳи қонунгузорӣ вобастагӣ дорад. Масъалаи муҳим дар ҳолати ҳуқуқии низоми бонкӣ ин таҳлили пурра ва васеи мақоми Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, чунки он сатҳи болоии низоми бонкӣ ва механизми танзимкунандаи муносибатҳои байнибонкӣ мебошад. Низоми бонкӣ, ки дар давлати муосир нақши муҳимро иҷро мекунад зарурият ба танзими қатъӣ ва муфассалро дорад. Гузаронидани таҳқиқот имкон медиҳад, ки норасоиҳо ва паҳлуҳои мусбиро дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон равшан намуд.

Мақсади асосии диссертатсияро таҳқиқи маҷмӯии танзими ҳуқуқии ташаккул ва фаъолияти низоми бонкии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Бахри ноил гардидан ба ҳадафи мазкур дар диссертатсия вазифаҳои мушаххас пеш гузошта мешаванд.

Асоси назариявии диссертатсияро асарҳои Д.Д. Батюшков, И.С. Блиох, Л.И. Кауфман, В.А. Лебедев, С.Н. Петишкин, Л.Н. Яснопольский, М.М. Агарков, Л.В. Бричко, А.В. Венедиктов, И.С. Гуревич, М.Л. Коган, Н.Г. Скарженовский, В.Н. Твердохлебов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Асоси методологии диссертатсияро усулҳои умумиилмии омӯзиш, ба

монанди мантиқӣ, таърихӣ, сохторӣ-низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. ташкил медиҳанд.

Асоси меъёрии таҳқиқотро Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524, Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16 апрели соли 2012, №816, Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" аз 26 июли соли 2014, №1108 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи нахустини ташаккулу инкишофи низоми бонкии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, собит мегардад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини илмӣ ба даст омадаанд.

Хулоса пешкаш мешавад, ки дар давраи қадим баъзе идораҳое мавҷуд буданд, ки функсияҳои алоҳидаи бонкиро иҷро мекарданд. Дар диссертатсия ба мавҷуд будани чунин идораҳо дар давлатҳои Бобулистони Қадим, Юнони Қадим, Мисри Қадим, Рими Қадим ишора карда мешавад. Тибқи хулосаи муаллиф бо пайдоиши Роҳи бузурги абрешим (аз асри II то милод) амалиёти саррофӣ дар як қатор давлатҳои Осиё, аз он ҷумла дар ҳудуди давлатҳои тоҷикон ривоҷ ёфта буд. Вазифаи асосии саррофон ивази пул бошад ҳам, онҳо инчунин дигар вазифаҳоро иҷро менамуданд. Муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон минбаъд дар аҳди Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён (асри IV – миёнаи асри III то милод) рушд пайдо кард. Дар аҳди Кӯшониён рушди муомилоти пулӣ идома ёфт ва хусусиятҳои нави маҳаллӣ пайдо кард. Дар асрҳои миёна муомилоти пулӣ дар давраи нахустин давлати мутаммаркази Тоҷикон – Сомониён дар асрҳои IX-X то авҷи аълои тараққиёти худ расид. Барориши нахустин пулҳои коғазӣ дар қаламрави Осиёи Миёна, ки мисли сиккаҳои нуқра «танга» ном доштанд, ба солҳои охири ҳукмронии амири охирини Бухоро Саид Олимхон рост меояд.

Дар натиҷаи таҳлили таърихи низоми бонкӣ хулосаҳои зайл пешниҳод мешаванд:

– аввалин муассисаҳои бонкӣ (на дар шакли имрӯза) дар даврони ғуломдорӣ дар давлатҳои Юнон, Бобулистон, Рими Қадим пайдо шудааст ва функсияи асосии онҳо нигоҳдории пул ва металҳои қимматнок ба ҳисоб мерафт;

– таърихи пайдоиш ва инкишофи бонкдорӣ, ташкили низоми бонкии мамлакат ба пайдоиши пул ва муомилоти пулӣ алоқаманд аст. Муомилоти пулӣ дар қаламрави Тоҷикистон минбаъд дар аҳди Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён (асри IV – миёнаи асри III то милод) рушд пайдо намуд.

– таърихи пайдоишу инкишофи қонунгузории бонкӣ бо ба вуҷуд омадани мафҳуми «бонк» алоқаманд аст, ки аз калимаи италиявии «banco» гирифта шуда, маънои «миз»-ро дорад.

– дар асрҳои миёна вобаста ба гуногунии низоми тангаҳо касби мубодилачӣ рушд намуд. Минбаъд мубодилачӣ дар ин давра ба бонк табдил ёфт ва дигар функсияҳои махсуси бонкӣ аз тарафи онҳо амалӣ мегардид;

– дар даврони қадим ва асрҳои миёна ягон ташкилоти махсуси бонкӣ мавҷуд набуд, танҳо дар ин давра муомилоти пулӣ рушд карда, баъзе аз муассисаҳо амалиётҳои ҷудогонаи ба бонкҳои имрӯза хосро анҷом медоданд.

Хусусиятҳои зерини инкишофи низоми бонкӣ дар давраи ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия муайян карда мешаванд:

- то истиқлоли Осиёи Миёна дар ин минтақа муносибатҳои феодалӣ ҷой доштанд ва иқтисодиёт низ дар ҳолати паст қарор дошт, дар ин давра дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании ин минтақа тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад;

– дар ин давра аввалин муассисаҳои бонкӣ ба таври расмӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд;

– суст будани манбаъҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна зарурият барои таъсиси муассисаҳои молиявиро пеш оварданд;

– дар ин давра танҳо дар ҳолате муассисаҳои бонкӣ дар ин минтақа ташкил гардид, ки ҳукумати подшоҳӣ ва генерал-губернатории Туркистон ба манфиат будани ташкили муассисаҳоро ба таври куллӣ мавриди омӯзиш қарор доданд;

– шуъбаҳои Бонки марказии Россия, агентии нимҳукуматии Бонки баҳисобгирӣ-қарзии Форсӣ, муассисаҳои бонки тиҷоратии марказии Россия ва бонкҳои маҳаллӣ дар ин давра фаъолият мекарданд;

– дар ин давра дар ҳудуди Тоҷикистони муосир ягон муассисаҳои бонкӣ ташкил нагардида буд;

– мақсади асосии таъсиси бонкҳо дар ин давра додани қарзҳо ба хоҷагиҳои хурди кишоварзӣ, махсусан истеҳсолкунандагони пахта, ки дар шароити Осиёи Миёна рушд карда буд, ба ҳисоб мерафт;

– амалиётҳои кредиторру бонкҳо тавассути додани қарзҳои кӯтоҳмуддат (на бештар аз нуҳ моҳ) таҳти гарави молу мулк амалӣ мекарданд.

Хулоса пешкаш мешавад, ки дар замони ИҶШС дар Тоҷикистон фаъолияти бонкӣ зери инҳисори давлат қарор дошт ва пешбурди фаъолияти бонкии хусусӣ ҳамчун ҳаннотӣ баҳогузорӣ мегардид. Дар замони таҷдиди иқтисодиёти ИҶШС (солҳои 1987–1990) ислоҳоти бонкӣ гузаронида шуд, ки боиси пайдоиши бонкҳои хусусӣ ва байнидавлатӣ гардид.

Тибқи ақидаи муаллиф дар соҳаи фаъолияти бонкӣ як қатор мушкилот ҷой дорад, ки барои ҳалли онҳо анҷом додани корҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

– ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва талаботи ҷомеа мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда;

– дар чараёни мураттабсозии қонунгузорӣ истифодаи таҷрибаи пешрафтаи бонкдории давлатҳои тараққикарда;

– паст намудани фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок барои намояндагони соҳибкории хурду миёна;

– мукаммал намудани раванди назорати бонкӣ, ки ба мониторинги устувории молиявии бонкҳо асос меёбад;

– андешидани чораҳои бетаъхир барои бартарафсозии монеаҳо дар фаъолияти бонкҳо;

мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ дар доираи санади ягона - Кодекси бонкии ҶТ.

Вобаста ба махсусияти иҷроиши функсияҳо бонкҳо ба ин намудҳои зерин ҷудо карда мешаванд: 1) бонкҳои марказӣ – дорои ҳуқуқи инҳисор ба истеҳсоли пули қоғазӣ мебошад; 2) бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар байни онҳо метавон инҳоро ҷудо намуд: а) бонкҳои сармоягузорӣ; б) бонкҳои ипотекӣ; в) бонкҳои амонатӣ; г) бонкҳои махсусгардонидашуда.

Хулоса пешкаш мешавад, ки ҳуқуқи бонкӣ соҳаи ҳуқуқ мебошад. Ин нуқтаи назар ифодагари он аст, ки ҳуқуқи бонкӣ ба сифати соҳаи ҳуқуқ баромад менамояд, ки борҳо дар адабиёти илмӣ зикр шудааст ва дар шароити муосир бештар мавриди истифода қарор гирифтааст. Тибқи ақидаи муаллифи диссертатсия ҳуқуқи бонкӣ зерсоҳаи ҳуқуқ буда, ҳуқуқи бонкии оммавӣ ба сифати падидаи ҳуқуқи молиявӣ баромад менамояд. Ҳуқуқи бонкии хусусӣ бошад, муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро байни ташкилоти қарзӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар раванди баамалбарории амалиётҳои бонкӣ ва аҳдҳо, ҳисоббаробаркуниҳо, қарздиҳӣ, хизматрасониҳо оид ба амалигардонии пасандозҳои бонкӣ ва ғ. ба танзим медарорад.

Аломатҳои умумии танзими ҳуқуқии бонкӣ муайян карда мешаванд. Низоми асосии меъёрии танзимкунандаи низоми бонкии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Қонунгузории бонкӣ чун соҳаи қонунгузории ҶТ,

ки низоми қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти бонкиро дар бар мегирад тавсиф дода мешавад. Аҳамияти асосҳои конститутсионии ҳуқуқи бонкӣ муайян карда мешаванд. Санадҳои байналхалқии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ таҳлил карда мешаванд. Санадҳои меъёрии қабулгардидаи Бонки миллии Тоҷикистон таснифбандӣ карда мешаванд. Роҳҳои ислоҳоти низоми бонкӣ муайян ва пешкаш карда мешаванд.

Вазъи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ муайян карда мешавад. Хулоса пешкаш мешавад, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун институти оммавӣ-ҳуқуқии дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пулӣ ва ташкили мубодилаи пулӣ баромад менамояд. Тибқи хулосаи дигар, Бонки миллии Тоҷикистон дар заминаи таҷрибаи бойи давлатҳои доро низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ ва романно-олмонӣ таъсис дода шудааст ва дар оянда низ бояд, таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар раванди инкишофи худ истифода барад. Мафҳуми падидаҳо тиҷорати қарзӣ, функсияҳои бонкӣ, сарчашмаи асосии марбут ба тартиби ташкил ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, филиали бонки хориҷӣ, тартиби додани иҷозатнома ба ташкилоти қарзӣ, амалиёти бонкӣ, аҳдҳои ташкилоти қарзӣ, сармояи оинномавӣ, идоракунии бонки тиҷоратӣ таҳқиқ карда мешаванд.

Ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои муаллиф бо истифода аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ

кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертация ба ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқ аст.

Оид ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шудаанд.

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд:**

**[1–М].** Мазарифов, М.К. Баъзе аз масоили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарифов // Паёми ДМТ. – 2019. – № 2. – 271-276.

**[2–М].** Мазаирфов, М.К. Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ / М.К. Мазарифов // Паёми ДМТ. – 2019. – № 6. – С. 243-246.

**[3–М].** Мазарфиов, М.К. Танзими ҳуқуқии низоми бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарифов // Паёми ДМТ. – 2020. – № 2. – С. 246-251.

**[4–М].** Мазарифов, М.К. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми бонки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарифов // Паёми ДМТ. – 2020. – № 3. – С. 250-254.

**[5-М]**.Мазарифов, М.К.Таърихи инкишофи қонунгузории бонкии тоҷикон дар аҳди қадим ва асрҳои миёна/ М.К. Мазарифов // Паёми ДМТ. – 2020. – № 9– С. 355-359

**II.Мақолаҳое, ки дар дигар маҷаллаҳо чоп шуданд:**

**[1–М].** Мазарифов, М.К. Оид ба қонунгузории фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Мазарифов // Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида 25-солигии Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 2019). – С. 23-26.

[2–М]. **Мазарифов М.** К. “ Махсусияти вазъи ҳуқуқии бонки милли Тоҷикистон” / М.К. Мазарифов // Конференсияи байналмилалии илмию-амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. ДМТ, Душанбе 2019, саҳ 251-254

[3–М]. **Мазарифов М.** К. “Тартиби ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” / М.К. Мазарифов // Международная студентческая научно-практическая конференсия Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон Душанбе-2020 с.41-45

Диссертатсияи Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович дар мавзӯи: «Ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра 10 нафар аъзоёни кафедра иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «муқобил» - 0 нафар, «худдорӣ намуданд» - 0 нафар. Протоколи № 10 аз «28» январи соли 2021.

Раисикунанда - мудири кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Р.Ш.

Котиби маҷлис,
лаборанти кафедра Бухориева А.Н.

Имзои Р.Ш. Шарофзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ